# Тақриз

ба автореферати Сафаров Муҳаммад Сатторович дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои 7-9 тавассути чорабиниҳои беруназсинфии физика» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 - педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод гардидааст

Физика - ҳамчун фанни таълимӣ, аз ҷиҳати назариявӣ имкониятҳои бузургеро дар ташаккул додани салоҳиятҳои асосии хонандагон ноил буда, мавқеи бузургро дар инкишофи наслҳо мебозад, ки хешро ба фазои тез тағйирёбанда мутобиқ карда тавонанд. Пешрафти илмӣ- техникӣ аз хонандагони муосир аз бар намудани ҳаҷми васеи дониши назариявӣ, маҳорати баланд ва малакаи иҷро намудани амалҳои гуногунро дар раванди таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ талаб менамояд. Аз ин рӯ такмил додани ҷараёни омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ афзалияти моҳияти дидактиқӣ пайдо намудааст.

Дар ҳақикат диссертант дуруст қайд намудааст, ки тавассути баргузор намудани озмоиш, мушоҳида ва корҳои амалӣ аз фанни физика, динамикаи инкишофи фаъолияти маърифатии таълим баланд гардида, салоҳиятҳои асосӣ ташаккул меёбанд. Тавассути он хонандагон аз мушоҳида - то ба таҳқиқот, аз муайянсозӣ то амсиласозӣ расида, ба баргузор намудани таҳқиқот, ба гузаронидани озмоиш, интихоби касб, кор дар ҷамъияти илмӣ омода гардида, дар олимпиада ва конкурсҳо иштирок менамоянд.

Ба андешаи муҳаққиқ салоҳияти иҷтимоӣ на танҳо маҷмӯи малакаҳо, балки хусусияти муҳимест, ки муваффақияти шахсро дар ҷомеа муайян мекунад. Қобилияти барпо кардани муносибатҳои мутаносиб, кор дар даста, ҳалли низоъҳо ва ташаккули сифатҳое мебошанд, ки ба шахс барои муваффақ шудан дар ҳаёти шахсӣ ва касбӣ кӯмак мекунанд. Ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ як раванди давомдорест, ки аз синни кӯдакӣ оғоз ёфта, дар тӯли ҳаёт идома меёбад.

Салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагон маҷмӯи дониш, маҳорат, малака ва муносибатҳое мебошанд, ки ҳамкории бомуваффақияти шахсро бо одамони атроф ва умуман ҷомеа таъмин мекунанд. Ин салоҳиятҳо қобилияти муошироти муассир, кор дар гурӯҳҳо, ҳалли мунокишаҳо, қабули қарорҳо ва масъулияти шахсро дар бар мегиранд. Онҳо асоси бомуваффақият иҷтимоигардии хонандагон, инкишофи шахсият ва касбии онҳо мегарданд.

Навгонии таҳқиқоти Сафаров Муҳаммад Сатторович дар он аст, ки бори аввал дар шароити ҷумҳуриамон:

– мафҳуми салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва аҳамияти онҳо дар раванди таълиму тарбияи хонандагон муайян карда шудаст;

– бо далелҳои дақиқ фаъолияти беруназсинфӣ ҳамчун воситаи ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагон буданаш собит карда шудааст;

– нақши физика дар ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагон дақиқан муайян карда шудаст;

– модели ичтимоӣ - педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои 7-9 тавассути чорабиниҳои беруназсинфии физика таҳия карда шудаст;

– сенария ва тарзҳои омодагӣ ва гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфии физика, ки ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои 7-9 равона шудааст таҳия карда шудаст;

– самаранокии модели иҷтимоӣ-педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои 7-9 тавассути чорабиниҳои беруназсинфии физика тавассути озмоиши педагогӣ санҷида шудаст.

Дар кори илмӣ-таҳқиқотии диссертант нуктаҳои назари илмӣ-методологӣ ва асосхои назариявии тарроҳии технологияҳои ба ташаккули муносибати арзишнок нисбат ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои 7-9 тавассути гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфии физика нигаронидашуда муайян карда шудааст.

Бояд зикр кард, ки дар радифи дастовардҳо ва натиҷаҳои назарраси илмӣ баъзан нуқсонҳои техникӣ ва имлоӣ дар автореферати диссертатсия

дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Камбудиҳои ҷойдошта ислоҳшаванда буда, арзиши кори илмии М.С. Сафаровро ҳаргиз коҳиш намедиҳанд.

Ба андешаи мо, довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст. Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, мӯҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшаванда чопнамудаи муаллифи рисола мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунад.

Диссертатсияи Сафаров Муҳаммад Сатторович дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои 7-9 тавассути чорабиниҳои беруназсинфии физика» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ меҳисобам ва муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.05. - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ - иҷтимоӣ (13.00.05.03 - педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) лоиқ мешуморам.

Муқарриз: доктори илмҳои
педагогӣ, профессор, мудири кафедраи
барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон — Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

Маълумот барои тамос: Шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел.+992 2348802, +992918636113; Почтаи электронӣ: azizi69@mail. ru

Имзои Мирзоев А.Р.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБССТ — Ҷураев Ш. Н.